# ШУЪБАИ СЕЛЕКСИЯ ВА ТЕХНОЛОГИЯИ ГОВҲОИ ГӮШТӢ, АСППАРВАРӢ ВА ҚУТОСПАРВАРӢ

## ҲАЙАТИ КОРМАНДОНИ ШУЪБА



**ҒИЁСОВ НАСИМҶОН**
мудири шуъба н.и.к.



**ИЗЗАТУЛОЕВ САФАРАЛӢ**
ХОДИМИ КАЛОНИ ИЛМӢ



**РАҶАБОВ ФАТҲУЛЛО**
н.и.к., ХОДИМИ КАЛОНИ ИЛМӢ



**МИРЗОЕВ БАҲРОМ**
ХОДИМИ КАЛОНИ ИЛМӢ



**МИРЗОЕВА ГУЛШАН**
ХОДИМИ ИЛМӢ



**РОФИЗОДА ҲОКИМБЕК**
ХОДИМИ ИЛМӢ

### АЗ ТАЪРИХИ ШУЪБАИ СЕЛЕКСИЯ ВА ТЕХНОЛОГИЯИ ГОВҲОИ ГӮШТӢ, АСППАРВАРӢ ВА ҚУТОСПАРВАРӢ

Соли 1972 Шуъбаи чорвои гӯштӣ ва парандапарварии саноатӣ дар институти тадқиқоти-илмии чорводорӣ ташкил карда шуд, ки мудирии онро Арбобов А.А ба уҳда дошт.

Инчунин соли 1972 барои рушди соҳаи чорвои гуштӣ хоҷагиҳои СОВ Ховалинг-1 ва 2., Лоҳути, Восеъ-1 ва Восеъ-2 ташкил карда шуд.

Соли 1979 дар базаи ҳамин хоҷагиҳо Иттиҳодияи таҷрибавӣ-агросаноатии Ховалинг ташкил карда шуд, ки зиёда аз 15 намуди говҳои зотҳои гуштӣ ва зебу оварда шуд, ки зиёда аз 12 ҳазор сарро ташкил медоданд. Инчунин ҳангоми ташкили Иттиҳодия дар хоҷагиҳои Иттиҳодия қариб 16 ҳазор сар Ҳ.К.Ш. мавҷуд буд.

Дар давоми солҳои 1979-1990 корҳои таҷрибавӣ ва илмӣ хело ҳам дуруст ба роҳ монда шуда саршумори Ҳ.К.Ш. (чорво) ба 47 ҳазор сар расонида шуд.

Соли 1990 дар сессияи ноҳиявӣ Иттиҳодияи таҷрибавӣ-агросаноати барҳам дода шуда ин вазифаро ба зиммаи Раёсати кишоварзӣ (дар хоҷ. қишлоқ), ки роҳбараш Ҳабибулло Табаров вогузор намуданд.

#### Ҳамкории шуъба ба хоҷагиҳо

Шуъба бо якчанд хочагиҳои ҷумҳурӣ аз ҷумла дар соҳаи қутоспарварӣ: хоҷагиҳои иҷоравӣ зотпарварии ба номи Р. Аслиддинов ва «Россия»-и н. Айнӣ; хоҷагиҳои деҳқонии «Фирдавс» ва «Резгиф»-и н. Кӯҳистони Мастчоҳи вилояти Суғд, хоҷагии воҳиди давлати қутоспарварии «Лахш»-и н. Лахш, х/д Скати н. Сангвор ва хоҷагии Гулдараи мавзеи Сари Хосори н. Балҷувони вилояти Хатлон, дар соҳаи аспарварӣ бошад, хоҷагиҳои гуногунсохтори зотпарварии «Асппавар»-и н. Рудаки, «Эмомҷон»-и н. А.Ҷомӣ., соҳаи говҳои гуштӣ бошад, хоҷагии кооперативии Кангурти н. Темурмалик, х/д “Файзобод”-и н. Темурмалик, хоҷагии зотпарварии “Мармари”-и н. Балҷувон, ва дигар хоҷагиҳои ноҳияҳои Балҷувон ва Ховалин ҳамкорӣ дорад.

### *Ҳамкории шуъба ба хоҷагиҳо*













### *КОРҲОИ ИЛМӢ -ТАДҚИҚОТӢ*



















### ДАСТОВАРДҲОИ ШУЪБАИ СЕЛЕКСИЯ ВА ТЕХНОЛОГИЯИ ГОВҲОИ ГӮШТӢ, АСППАРВАРӢ ВА ҚУТОСПАРВАРӢ

Олимон ва мутахассисони шуъбаи селексия ва технологияи чорвои гӯштӣ дар натиҷаи мақсаднок ба роҳ мондани корҳои зотпарварӣ бо қутосҳои экотипи помирӣ дар хоҷагиҳои қутоспарварии водии Зарафшон ба натиҷаи назаррас ноил гашта, типи экотипи зарафшонии қутосҳои помириро ба вуҷуд оварданд. Экотипи зарфшонии қутосҳои помирӣ бо қарори коллегияи Шӯрои илмӣ-техникии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.04.2020 тасдиқ карда шудааст. (Қарақулов А.Б., Қоимдодов Қ.Қ., Раҷабов Ф.М. ва дигарон), дар соҳаи чорвои гуштӣ бошад, “Типи чорвои калони шохдорӣ сергуштӣ тоҷикӣ”-ро офариданд, ки ин ҳам барои институт ва ҳам барои ҷумҳуриамон як дастоварди бузург мебошад.

Маҳсулнокии қутосҳои экотипи зарафшонӣ – нисбат ба ҳамҷинсони дар шароити агроэкологии Помир парваришёбанда аз 12 то 15% зиёд аст.

Ҳамзамон олимони шуъба таҳқиқотҳои селексионӣ ва корҳои илмиро дар самти офаридани типу зотҳои чорвои гӯштии ватанӣ идома дода,ба як қатор дастовардҳо ноил гаштаанд, аз ҷумла:

- подаҳои селексионии зотҳои махсусгардонидашудаи говҳои сергӯшт (қазоқии сарсафед, қалмиқӣ, абердин-ангуссӣ ва зебу бо дурагаҳои онҳо) офарида шуданд, ки барои дар оянда нигоҳ доштани хазинаи ирсии ин зотҳои нодир ва зиёд намудани саршумори онҳо дар ҷумҳурӣ мусоидат намуда, дурагаҳои чорвои гӯштӣ бо истифодаи зотҳои махсусгардонидашуда ва чорвои маҳаллӣ типи тоҷикии чорвои гӯштӣ замина фароҳам оварда шудааст;

Ҳоло дар шуъба 13 нафар кор ва фаъолият мекунанд, ки аз инҳо 5 нафар номзади илмҳои кишоварзӣ, 2 нафар ходими калони илми, 1 нафар ходими илмӣ, 2 нафар ходими хурди илмӣ ва 3 нафар лаборант. Таҳти роҳбарии олимони шуъба 10 нафар ҳимояи корҳои номзадиро иҷро намуданд.


АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ЧОРВОДОРӢ ВА ЧАРОГОҲ
ТИПИ ЧОРВОИ СЕРГУШТИ ТОҶИКИИ ҚАЗОҚИИ САРСАФЕД
Душанбе 2023

